# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ дар мавзуи «Пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ: асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва амалияи судӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ (ш. Душанбе, 2026. - 42 саҳ.)**

Автореферати диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ мутобиқ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тахия гардида, мазмуни асосии таҳқиқоти илмиро ба таври мунтазам, возеҳ ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Аз муҳтавои автореферат бармеояд, ки дар он унсурҳои асосии кори илмӣ, аз ҷумла мубрамии мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмет, асосҳои назариявию методологӣ, заминаи эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда пурра ва дар ҳамоҳангӣ бо меъёрҳои корҳои илмӣ баён гардидаанд.

Автореферат мазмуни диссертатсияро бо шакли фишурда, вале дар айни замон кофӣ инъикос намуда, имкон медиҳад, ки дараҷаи омодагии илмии муаллиф, сатҳи таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин саҳми шахсии ӯ дар рушди илм дуруст арзёбӣ карда шавад. Мазмун ва сохтори автореферат ба стандартҳои қабулгардидаи корҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, робитаи мантиқии қисматҳои он риоя гардидааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот бо ҳолатҳои зерин асоснок мегарданд:

- омӯзиши тартиби айбдоркунии хусусӣ, асосҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ ва мушкилоти дар амалияи судӣ ошкоршуда зарурати таҳким бахшидани риоя ва иҷрои тартиби муқарраркардаи қонун оид ба айбдоркунии хусусӣ, таҷдиди назар ва такмили қоидаҳои мурофиавиро афзун мекунанд;

- меъёри муҳокимаи одилонаи парвандаҳои ҷиноятиро маҳз қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ менамояд, ки бинобар рӯзафзун гаштани талаботи шахс ба ҳимояи давлат бояд мунтазам такмил ёбад;

- шумораи ҷиноятҳои айбдоркунии хусусӣ аз доираи айбдоркунии хусусӣ-умумӣ дар меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ дар самти айбдоркунии хусусӣ васеъ карда шаванд;

- кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон дар пешбурди парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ самаранок ва дастрас гарданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мавзуи диссертатсия на танҳо саривақтӣ ва муҳим, балки дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалии ҷиддӣ буда, ҷавобгӯ ба рушду тақвияти илми мурофиаи ҷиноятӣ, такмили қонунгузории миллӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки муҳаққиқ дар ҷараёни таҳқиқот аз доираи васеи адабиёти илмӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқии миллӣ ва хориҷиро таҳлил намуда, маводҳои судиро вобаста ба парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ таҳлил ва хулосабарорӣ намудааст.

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки натиҷаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таҳқиқоти илмӣ мувофиқ буда, вазифаҳои гузоштashуда ҳалли худро ёфтаанд.

Дар яке аз нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи худ (саҳ. 14 автореферат) муҳаққиқ Қисми 3 м. 355 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мазмуни зерин «Бо дархости айбдоркунандаи хусусӣ ва судшаванда судя бояд ба онҳо дар ҷамъоварии далелҳо мусоидат намояд» илова намуданро зарур шумоpидааст. Аз ин мувофиқи мақсад аст, ки муаллиф ҳангоми ҳимояи диссертатсия доир ба ворид намудани тағйиру иловаи мазкур ба таври равшан баён намояд.

Албатта, камбудиҳои дар боло зикршуда ба мазмун ва сифати кори илмӣ таъсири манфи намерасонад ва хусусияти тавсиявиро доро мебошад.

Хулоса: тибқи муҳтавои автореферат, диссертатсияи Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ ба талаботе, ки нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмии Кабирзода Гавҳарой Қосимӣ пурра тибқи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.9. Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии
факултети № 2 Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон
н.и.ҳ., полковники милитсия Тоҳирзода О.Т.
24 майи соли 2026

**Имзои Тоҳирзода О.Т.-ро тасдиқ мекунам:**
Сардори шуъбаи кадрҳои Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон
подполковники милитсия Саидзода А.Р.
«23» 05 соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-02; факс: (+992 37) 226-60-43. Сомона: www.avkd.j; E-mail: academia@vkd.tj